**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; e-mail: info@mmk.tj

№ 56/2с
аз «28» 04 соли 2021

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ вобаста ба лоиҳаи Дастурамал «Оид ба талаботи тахассусии муассисон ва роҳбарони Бюрои таърихи қарз» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 марти соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 16 март то 15 апрели соли 2021 гузаронида шуд. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид.

Таҳлил ва омӯзиши маводи пешниҳодгардида собит намуд, ки дар лоиҳаи зикргардида риоя нагардидани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ҷой дорад:

1. Талабот оид ба сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки

тавсифи “уҳдадорӣ” ва “маҳдудиятҳо” барои субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин “асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот”-ро пешбинӣ менамояд, шарҳ дода нашудааст. Аз ҷумла, уҳдадориҳое, ки дар банди 10, 12 ва дигар бандҳои лоиҳа пешбинӣ шудааст, инчунин маҳдудиятҳое, ки дар банди 5, 6 ва дигар бандҳои лоиҳа нисбат ба муассисон ва роҳбарони Бюрои таърихи қарз муқаррар шудааст, дар таҳлили таъсири танзимкунӣ зикр нагардидаанд. Ҳамчунин, дар лоиҳа оид ба “асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот” маълумот мавҷуд нест.

2. Талабот оид ба сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни зикргардида, яъне эҳтимолияти “оқибатҳои иҷтимоӣ” ва “иқтисодӣ” дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, зарур аст, ки эҳтимолияти оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар доираи лоиҳа ба миён меоянд, баён гардад.

Бо эҳтиром,
муовини якуми Директор — Соҳибзода М.М.

Иҷро кард: Бахши ТТТ.
Тел: 227-46-71.